**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҳуқуқ ва озодии инсон дар ҳама марҳилаҳои рушди инсоният ба сифати унсури муҳим мавриди таваҷҷуҳ қарор дошт. Халқи тоҷик низ дар масири таърих ҳамеша баҳри шинохти ҳуқуқи инсон, эътироф ва ҳимоя намудани он талош намуда, дар ин замина санадҳои зиёди таърихӣ-ҳуқуқиро қабул кардааст. Аз зумраи санадҳои муҳимми таърихӣ-ҳуқуқӣ метавон бахшҳои ҷудогонаи Авесто, Эъломияи Куруши Кабир, Қонунномаи Сосониён ва даҳҳо сарчашмаҳои дигарро номбар намуд, ки онҳо дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба ҳуқуқи инсон ҷилои тозаи ҳуқуқӣ бахшидаанд. Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии дар сарзамини тоҷикон қабулшударо баланд арзёбӣ намуда, ишора менамоянд, ки онҳо заминаро барои шинохти ҳуқуқи инсон дар манотиқи гуногуни дунё гузоштаанд. Яъне, метавон ишора намуд, ки тоҷикон дар қатори нахустин халқҳои ҳуқуқофар ва адолатпеша қарор доштаанд.

Бо вуҷуди ин, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши манфиатҷӯии субъектҳои байналмилалӣ, саҳми таърихии тоҷикон дар ташаккули арзишҳои ҳуқуқӣ каме соянишин шудааст. Аз ин рӯ, имрӯз илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дар радифи дигар илмҳои ҷомеашиносӣ, бояд дар муаррифии шоистаи миллати тоҷик ба ҷаҳониён нақши муҳим бозад, махсусан дар самти ҳуқуқофарӣ, қонунэҷодкунӣ, инсонпарварӣ ва адолатпешагӣ. Зеро, дар сурати муаррифии шоиста нагардидани арзишҳои муҳимми ҳуқуқӣ, бо гузашти замон онҳо ба гӯшаи фаромӯшӣ хоҳанд рафт.

Бояд ишора намуд, ки ҳар марҳилаи инкишофи ҳуқуқи инсон дар сарзамини таърихии тоҷикон вижагиҳои худро дошта, муайян кардани онҳо имкон медиҳад, ки паҳлуҳои норӯшани ҳуқуқи инсон ошкор ва илми ҳуқуқшиносии миллӣ бештар муаррифӣ гардад. Яке аз равандҳое, ки метавонад ба ҳуқуқи инсон таъсир расонад, ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи ҷаҳонишавии ҳуқуқи инсон ва тамоюлҳои манфиатҷӯёнаи қудратҳои бузург, имрӯз ҳуқуқу озодиҳои инсон дар баъзе минтақаҳои ҷаҳон ошкоро поймол мегардад. Ин вазъият на танҳо иҷрои меъёрҳои байналмилалӣ ва миллӣ дар самти ҳуқуқи инсонро зери шубҳа мегузорад, балки ба моҳияти ин арзиши олӣ зарари ҷиддӣ мерасонад. Аз ин лиҳоз, дилхоҳ пажӯҳиш дар самти таърихи ҳуқуқи инсон бояд ҳам аз ҷиҳати бардошти сабақҳои таърихӣ ва ҳам аз ҷиҳати дарёфти роҳҳои пешгирии поймолсозии ҳуқуқҳо дар шароити муосир анҷом дода шавад, ки рисолаи илмии Холиқзода О.А. қадами бузурге барои расидан ба ин ҳадаф мебошад.

Масъалаҳои ишорашуда, инчунин даҳҳо масъалаҳои дигар шаҳодат аз мубрамӣ, саривақтӣ ва рӯзмарра будани таҳқиқоти диссертатсионӣ медиҳанд.

Унвонҷӯ соли 2005 ба ихтисоси «ҳуқуқшиносӣ»-и факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2010 хатм намудааст. Мавсуф солҳои 2007-2018 ба ҳайси лаборанти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, аз соли 2018 то ҳол дар вазифаҳои ассистент ва муаллими калони кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст. Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2019, № 58-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст. Гузашта аз ин, дар ҳамоишҳои гуногуни илмӣ иштирок ва бо маърузаҳо баромад намудааст. Аз замони фаъолият то кунун ҳамчун омӯзгор аз фанҳои таърихи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи инсон, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи занон, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон

ва ҳоказо ба шогирдон дарс мегӯяд. Муаллиф ва ҳаммуаллифи як қатор воситаҳои таълимӣ ва мақолаҳои илмӣ мебошад.

Диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат мебошад.

Дар **муқаддима** мубрам будани мавзуи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи он, объект, мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия **«Мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва таҳаввули андешаҳо оид ба ҳуқуқи инсон»** ном дошта, дар доираи он паҳлуҳои гуногуни сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Аз ҷумла дар доираи ин боб мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон муайян карда шуда, таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Бояд ишора намуд, ки пажӯҳишгар мафҳуми сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсонро бори нахуст дар муҳити илми ватанӣ ба таври мукаммал пешниҳод намуда, паҳлуҳои гуногуни онро, ки фарогири масъалаҳои инъикоскунандаи ҳуқуқи инсон мебошанд, ба таври комил пешниҳод намудааст. Инчунин, бо мақсади дуруст дарк намудани ташаккули андешаи ҳуқуқи инсон дар сарзамини тоҷикон, муаллиф ба сарчашмаҳои гуногуни муайянкунандаи ҳуқуқи инсон, ки дар доираи халқиятҳои гуногун ҷой доштанд, таваҷҷуҳ зоҳир намуда, моҳияти ҳуқуқи инсонро дар онҳо ошкор кардааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Андешаҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар сарчашмаҳои ҳуқуқии тамаддуни зардуштӣ»** ном гирифта, дар доираи он шинохту эътирофи ҳуқуқи инсон дар нахустин сарчашмаҳои ҳуқуқии халқи тоҷик, андешаи ҳуқуқу озодии инсон дар Эъломияи Куруши Кабир ва катибаҳои дигари бостон, инчунин андешаи ҳуқуқи инсон дар Қонунномаи Сосониён, ки

аз зумраи санадҳои муҳимми таърихӣ-ҳуқуқии миллати тоҷик ба ҳисоб мераванд, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Маълум аст, ки ҳуқуқи инсон дар таърихи давлатдории тоҷик ба ҳазорсолаҳои пеш аз мелод рафта мерасад, аммо ҷудо намудани ҳуқуқи инсон ва озодии инсон дар сарчашмаҳои таърихии ҳуқуқӣ, корест муҳим ва саривақтӣ, ки пажӯҳишгар онро дуруст корбарӣ кардааст. Махсусан, такя намудан ба ду сарчашмаи муҳимми инъикоскунандаи ҳуқуқи инсон – Эъломияи Куруши Кабир ва Қонунномаи Сосониён барои дарки ҳуқуқи инсон ва шинохти он дар қаламрави таърихии мо – тоҷикон далели равшан ва раднопазир шуда метавонад.

Боби сеюми диссертатсия **«Андешаи ҳуқуқи инсон дар асрҳои миёна»** ном дошта, дар он сухан доир ба мавҷудияти андешаи ҳуқуқи инсон дар сарчашмаҳои расмии давлатӣ ва дар афкори мутафаккирони тоҷику форс, ки дар асрҳои миёна ҷой доштанд, меравад. Аз моҳияти боби мазкур бармеояд, ки муаллиф онро бо дарназардошти ду гурӯҳи сарчашмаҳо – сарчашмаҳои расмии давлатӣ ва сарчашмаҳои ғайрирасмӣ мавриди омӯзиш қарор дода, андешаҳои хешро дар ин самт баён намудааст.

Хулосаҳои илмии манзуршуда бахри рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, бедор намудани худшиносии миллӣ ва дуруст ба роҳ мондани вазъи риояи ҳуқуқи инсон мусоидат намуда, аз мазмун ва моҳияти вазифаҳои гузошташуда бурун меоянд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади таърихӣ, назариявӣ ва таҳлилҳои илмӣ мустаҳкам шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати

диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, ба ҳимоя чиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири шуъбаи рушди
иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи
дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе Саъдизода Ҷ.

Суроға:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти
иҷроияи ҳокимияти давлатии
шаҳри Душанбе, 734025,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42.
Тел.: +992 (37) 221-62-56
+ 992 (37) 223-10-84
+ 992 985383867
E-mail: jahon_1967@mail.ru

Имзои Ҷ. Саъдизодаро тасдиқ мекунам,
мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе Сайдуллозода Ф.Ф.

ДАСТГОҲИ РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ • АППАРАТ ПРЕДСЕДАТЕЛЯ ГОРОДА ДУШАНБЕ • ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН
ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

«11» 12 2025 с.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, маҳаллаи Арбобхотун, хонаи 259
+ 992 985383867
E-mail: jahon_1967@mail.ru